# ТАҚРИЗИ

**Муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ализода Алиҷон Анвар дар мавзуи «Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ (солҳои 1822-1918)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.2. - Таърихи умумӣ (давраи дахлдор). Душанбе, 2026.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия аз нигоҳи моҳият ва мазмун ба шиносномаи ихтисоси 6.1.2. – “Таърихи умумӣ” (даврахои дахлдор), мувофиқат намуда, айни замон таҳқиқоти сурат гирифта, ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешавад ва он бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, мутобиқат дорад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мавзуи матбуот ва таърихи матбуоти форсӣ, яке аз ҷанбаҳои муҳими инъикоси давраи ҳассоси таърихи кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёна, қисмате аз нимқораи Ҳинд ва ба шумули минтақаи Осиёи Марказӣ маҳсуб меёбад.

Ба ҳамин асос, рӯ овардан ба чунин мавзуи таҳқиқотӣ, аз мубрамияти масъала шаҳодат медиҳад. Тибқи сарчашмаҳои мавҷуд, матбуоти форсӣ дар ин сарзамин аз гузаштаҳо ҳузур дошта, таҳлили илмии фарогире, ки муаллиф ба харҷ додааст, ба маврид буда, дар ин росто нақши муҳимаеро дар равшан сохтани саҳифаҳои нави таърих иҷро менамояд.

Зеро, маҳз тавассути равшан сохтани таърихи матбуоти форсии ҳамин давраи хеле муҳим ва ҳассоси мардумони ин сарзамин, хосатан, кишварҳое ба мисли Форс, Ҳинд, Афғонистони имрӯз ва хосатан мамолики Осиёи Миёна, ки аз нимаи дуюми асри XIX зери тасаллути Россияи подшоҳӣ қарор дошт, тавассути чунин нашарот оиди саҳифаҳои норавшани таърихи худ ба муҳаққиқин авроқи ҷадиде пешниҳод карда мешавад.

Худи матбуот, хос ва марбути фарҳангу тамаддуни кишварҳои аврупоӣ аст, ки барои мисол, дар мавриди Осиёи Марказӣ, то ҷое, ки аз таърихи даврони маорифпарварии Аҳмад Махдуми Дониш бармеояд, ба шакли рӯзномаю маҷалла ва ҳамсони онҳо, ба як гуна васоити робита байни мутолеакунандагони он ва ҳукуматҳои вақт бар иловаи марказҳои илмию фарҳангии онҳо, ҷиҳати дар ҷараён гузоштани онон ва бохабариашон аз рӯйдодҳои дохилу хориҷи кишвар, муҳим арзёбӣ мегардад.

Ҳамзамон, замони таҳлили рисола маълум гардид, ки муаллиф оиди масъалаи мавриди назар, дар баробари дигар кишварҳо, инчунин ба рӯзномаю маҷаллаҳои Ҳиндустони асри XIX ва аввали қарни XX низ рӯй овардааст. Вобаста ба ин, бояд тазаккур дод, ки ин замон, муҳимтарин давраи таърихи Ҳинд ба ҳисоб меравад, ки ба замони ташаккул ва паҳн гаштани ҳаракатҳои миллию озодихоҳии мардумони ин кишвари касирулмиллат баробар аст.

Ба хусус, дар нимаи аввал ва охири асри XIX шумораи ин ҷарида ва маҷаллаҳо дар минтақаҳои болозикр, бар пояи боло рафтани сатҳи худогоҳӣ ва худшиносӣ дар байни қишри босавод ва дорои тафаккури маорифпарварона, зиёд мегардад, ки дар ин раддабандӣ, ҷойгоҳи матбуоти форсӣ дар кишвари Эрон алоҳида аст.

Бояд тазаккур дод, ки дар моварои Осиёи Миёна, маҳз бар асоси таъсири рушди иҷтимоӣ – сиёсӣ ва фарҳангии минтақа, ки баъдан аз соли 1867 номи кишвари Туркистонро ба худ мегирад, нахустин рӯзномаро 1 декабри соли 1907 зери назару таҳрири нависанда ва маорифпарвар Абдулло Авлон, бо унвони "Шӯҳрат", аз чоп баровардаст, ки амалан роҳбарии онро пайрави ҷараёни ҷадидия ва маорипарвар Мунавварқорӣ Абдурашидов ба ӯҳда дошт. Дар ин ҷо, ҳамзамон рӯзномаҳои "Туҷҷор", соли 1907, "Осиё" соли 1908 ва "Садои Туркистон" солҳои 1914 – 1915 нашр мегарданд.

Аз суи дигар, пайдоиш ва ташаккули матбуоти форсизабон, яке аз пояҳои ташаккули ҳуввияти миллӣ, паҳн гардидани назариёти зарурияти бозсозии ҷомеа дар минтақаи Осиёи Миёна ба шумор рафта, дар навбати худ нақши омодасозии бунёдро барои матбуоти озод дар минтақа мебозиданд.

Дар ҳоле, ки зиёиёни равшанфикри ин марзубум дар он замон, бо нашри маводҳои муайян аз манофеи режими подшоҳӣ ҳимоят намуда, дар баробари ин, матолиб ва адабиётеро ба хотири паҳн намдуни афкори маорифпарварона нашр менамуданд.

**Мубрамии мавзуи диссертатсия. Аввалан**, мавзуи таҳлилу баррасии матбуоти форсӣ, бори нахуст дар илми таърихнигории ватании замони нав, амалӣ карда мешавад.

**Дуюм,** таҳлилу баррасии фарогири таърихи матбуоти форсӣ дар кишварҳои Форс, Ҳиндустон ва дигар мамолик аз назари муқоисавӣ ва интиқодӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, таъсири он ба ҳаёти иҷтимоию сиёсии дигар манотиқ, минҷумла Осиёи Миёна инъикос карда шудааст.

**Сеюм,** оиди мавзуъ, дар минтақаи Осиёи Миёна таҳлилҳои хубе анҷом дода шудаанд, ки мисоли равшани он нахустин рӯзномаи тоҷикӣ тахти унвони "Бухорои шариф", ба шумор рафта, бар асоси он ва дигар асноде, ки аз таърихи матбуоти форсӣ дар кишварҳои дигар маълумот арз менамоянд, метавон тасаввури воқеиро вобаста ба ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ ва хатти фикрии мардумони на танҳо аморати Бухоро ва маорифпарварони он, балки дигар мамолик низ пайдо кард.

Чаҳорум, ҷиҳати инъикоси мақом ва манзалати матуоти форсӣ дар мамолики дигари сайёра, шуруъ аз кишвари Ҳиндустон, ки нахустин рӯзнома дар он ҷо чоп гардида, дар дигар кишварҳо идома пайдо намудааст, ҳамзамон тарзу усули рушду инкишофи ин падида, бо мушаххас сохтани нақши он, кӯшиш сурат гирифтааст.

Панҷум, ба миён омадани матбуоти форсӣ дар минтақаи Ҳиндустон, Осиёи Миёна ва кишварҳои мухталифи дунё, боиси такони ҷиддие дар афкори ҷомеаи ин сарзаминҳо гашта, дар минбаъд, нақши муҳимеро дар ҷараёни ҳаракати миллӣ – озодихоҳии ин халқҳо бозидааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Мавзуи таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ, нахустин бор таҳқиқу баррасии илмии фарогирро дар бар мегирад. минҷумла:

- пайдоиш ва ташаккули матбуот ба забони форсӣ дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон баррасии илмӣ карда шудааст;
- дар ин росто, таърихи ин ҷараён дар кишвари Эрон шуруъ аз оғози асри 19 то ба аввали асри 20 дар мисоли рӯзнома ва ҳафтаномаҳои шахсию давлатӣ, бо инъикоси мундариҷаи онҳо, таҳлил гардидааст;
- вобаста ба мавзуъ, оиди таърихи матбуоти форсӣ дар минтақаи Осиёи Миёна, дар мисоли рӯзномаи «Бухорои шариф», бо тафсилоти маълумот дар мавриди нақши он дар паҳн гаштани афкори маорифпарваронаю миллӣ – озодихоҳона, инчунин иттилоъ оиди ноширини он, маводҳо оварда шудааст;

– дар рисола таҳқиқи илмии зодгоҳи матбуоти форсӣ, нимқораи Ҳинд бо тафсилоташ оварда мешавад, ки дар Деҳлию Калкутта, Бамбай, Мадрас ва дигар нуқот муҳтавои ин нашарот, баёнгари инъикоси воқеии ҳаёти иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва сиёсии на танҳо ин манотиқ, балки гӯшаҳои мухталифи қораи Осиё ва Аврупо ба ҳисоб меравад.

Чунин навҳаи таҳлили нашароти форсизабон, ба муаллиф имкон медиҳад, ки тавассути таҳлили муқоисавӣ, муҳимтарин нуктаҳоро дар мавриди бартарии омӯзиши мавзуъ ошкор намоянд.

Чуноне, ки мантиқан бармеояд, халқҳои манотиқи форсизабон баъди ошноӣ бо ҷанбаҳои пешрафтаи ҳаёти мадумони минтақаи Аврупо, хосатан Британияи Кабир, барояшон имкон фароҳам гардид, то ба андешаҳои сиёсии зеҳнӣ ва воқеиятҳои айнии заминӣ, наздик шаванд.

Ин нукта ҳам набояд фаромӯш гардад, ки дар мавриди бедории фикрии мардумони минтақаи нимқораи Ҳинд, баъди соли 1818, системаи мустамликадории Британия Кабир ҳам, нақш бозидааст. Шуруъ аз ҳамин сол, англисҳо, ба хотири таъмини идораи сиёсии худ дар ин кишвар, тасмим гиифтанд, то як зумра ҷавонони болаёқати ҳиндуро барои омӯзиш ба донишгоҳҳои Кембриҷу Оксфорд ва дигар марказҳо бифиристанд. Ҳарчанд, баъд аз соли 1857 «императории забони форсӣ», дар кишвар хотима ёфта, забони англисӣ, дар ивази он забони расмии Ҳиндустон эълон мегардад.

Маҳз ҳамин гурӯҳҳо, бо ошноӣ бо сатҳу зиндагии пешрафтаи мардумони Аврупо, оиди ҷой ва мақоми мардумони кишвари худ ангеза ва инқилоби фикриеро ба вуҷуд оварданд, ки бо мурури замон тавонист, бо такя бар пояи тамаддунсолорӣ, фарҳангосолорӣ ва мардумсолории худ, заминаи мусоидеро ҷиҳати оғоз бахшидан ба ҷараёни миллӣ – озодихоҳии фарогир санги таҳдоб гузоранд, ки ин амал, тақрибан, баъди сад сол онҳоро аз зери зулми асорати англис раҳо бахшид.

Табиист, ки дар ин маврид, нақши матбуоти форсизабон хеле муҳим арзёбӣ мегардад ва нишонаи дигари онро дар мисоли минтақаи Синд, ки аз тарафи англисиҳо, дар муддати панҷоҳ соли нимаи дуюми асри 19 тасарруф гардид, метавон зикр кард.

– мавзуи пайдоиши матбуоти форсӣ дар мамлакатҳои дигар, бо зикри заминаву сабабҳо, мазмуну муҳтавои онҳо, бахши дигари рисола аст, ки бо кӯшиши довталаб, саҳифаҳои наверо дар ҳаёти фарҳангиву маънавии мардумони он марзу бум равшан месозад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Диссертатсия бо истифодаи васеи манбаъҳои сершумор ва гуногунҷанба, минҷумла бар пояи асноди доиравию иттилоотӣ, оморӣ ва асноди бойгониҳо, ки ба давраҳои мухталиф тааллуқ доранд тахия гардида, аҳаммияти таҳқиқотро боло мебаранд.

1. Зарурияти таҳлилу баррасии муқоисавию таърихии таърихи матбуоти форсии мамолики Ҳиндустону Туркия, ҷаҳони Араб ва соири дигар кишварҳои Осиёву Аврупою Амрико дар баробари кигварҳои Эрону

Афғонистону манотиқи амороти Бухоро амалӣ карда шуда, натоиҷи он ба такмили салиқаи омӯзиши амиқи таърих ва афкори матбуоти форсизабон кумаку ҳамкорӣ менамояд.

2. Бо истифода аз таҷрибаи бойю ғании мутафаккирини гузашта, ки дар рисола оварда шудаанд, аз он ҷумла муҳаррири рӯзномаи «Бухорои шариф» Мирзо Ҷалол Юсуфзода ва яке аз бунёнгузорони он, Мирзо Сироҷи Ҳакиму маорифпарварони он замон, метавон ба баъзе аз саволоти масъалаҳои маслакии имрӯз посӯх пайдо намуд.

3. Бинобар нақши боризи нахустин муассисони матбуоти форсӣ-тоҷикӣ Мирзо Сироҷи Ҳаким, Мирзо Муҳиддин Мансуров, Маҳмудхоҷаи Баҳбудию дигарон, дар бедории афкори мардумони минтақа, бузургдошти онҳо қобили қадрдонӣ аст.

4. Вобаста ба ин, дар факултетҳои журналистикаи макотиби олии Тоҷикистон ҷорӣ кардани курси махсус бо номи «Таърихи матбуоти тоҷикӣ - форсии ҷаҳон» мувофиқи мақсад мебошад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ.** Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти диссертатсияи илмиро принсипу усулҳои қабулгардида дар илми муосири таърих – таърихият, системанокӣ, масъалагузорӣ, объективият ва беғаразӣ дар асоси арқому омор ташкил медиҳад. Ин принсипҳо имкон меиҳанд, ки омилҳо ва пайомадҳои рӯйдодҳои таърихӣ бо самту хусусиятҳои хоси матбуоти форсӣ дар кишварҳои гуногун ба таври фарогир омӯхта шаванд. Тавассути усули системавии таърихӣ, муқоисавӣ ва дурнамо, таҳлили амиқи ҷараёнҳо ва натиҷаҳо мушаххас карда шудаанд.

Таҳқиқоти назариявии диссертатсия бар асоси усулҳои объективият, таърихият, мушаххасӣ сурат гирифтааст.

Дар ҷараёни таълими фани таърихи нави кишварҳои Осиё ва Африка, курсҳои махсус оид ба замони истилои Британия дар кишвари Ҳиндустон, таърихи нави минтақаи Осиёи Миёна ва Эрон дар асри XIX ва ва ибтидои асри XX, таърихи журналистика ва таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсии фанҳои мазкур, маводи диссертатсия метавонад мавриди истифода қарор гирад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 176 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳрасти манобеъ ва адабиёти истифодашуда (бо 181 номгӯй) иборат мебошад.

**Муқаддима** ба таври муфассал мубрамияти мавзуъ, мақсаду вазифаҳои асосии таҳқиқот, объекти омӯзиш, предмет, асоси

мантиқию методологӣ ва манбаъҳои илмиро инъикос намуда, он аз бандҳои мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳою мавзуҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқот, мавзӯъ (предмет)-и таҳқиқот, марҳала, макон ва давраи таҳқиқот, асоси назариявӣ – методологӣ, пойгоҳи сарчашмавии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва сохтори диссертатсия иборат мебошад.

**Боби якуми диссертатсия «Таъсис ва ташаккули нашрияҳои чопӣ дар Эрон»** аз ду зербоб иборат буда, дар з**ербоби аввал «Вазъи матбуоти Эрон то Инқилоби машрута»** ба таври муфассал оиди таърихи матбуот дар Эрон ва нашрияе бо номи «Қоғази ахбор», ки соли 1837 аз ҷониби Мирзо Солеҳи Шерозӣ нашр шудааст, маълумот пешниҳод менамояд. Дар таҳлил омадааст, ки дар нашри ин рӯзнома сарвазири ислоҳталаби вақти Эрон  Мирзо Тақихон Амири Кабир нақш дорад ва рӯзномаи «Вақоеи иттифоқия» аз ҷумлаи нашрияҳои замони роҳбарии ӯ дар шаҳри Теҳрон аст.

Бояд зикр кард, ки дар даврони салтанати Насриддиншоҳи Қоҷор (1848-1896) ниҳоде тахти унвони “интибоот” таъсис дода шуда, мазмун ва муҳтавои рӯзномаҳоро назорат ва танзим мекард.

Ҳамзамон дар ин зарбоб оварда мешавад, ки замони ҳукмронии Музаффариддиншоҳи Қоҷор (1896-1907) бар иловаи рӯзномаҳои давлатӣ, баъзе нашрияҳои хусусӣ низ ба миён меоянд ва онҳо номи «Рӯзномаи озод»-ро доро буданд, дар ҳоле, ки дар воқеият бинобар сонсуре, ки вуҷуд дошт, онҳо наметавониствнд, дар баробари худ калимаи «озод»-ро истифода намоянд. Бинобар ин, якумин рӯзномае, ки ба чунин сатҳ расида буд, рӯзномаи «Маҷлис» ба шумор мерафт.

**Дар зербоби дуюм «Таҳаввулоти нашрияҳо дар замони Инқилоби машрута»,** кӯшиш ба харҷ дода шудааст, то таҳаввулоте, ки баъди таъсиси Маҷлиси Шурои Миллӣ (парламент) (1906) дар фаъолияти рӯзномаҳои ғайридавлатӣ ба вуҷуд меояд, тасвир карда шавад. Маҷлиси Шурои Миллӣ рӯзи 8 феврали соли 1908 “Қонуни матбуот” -ро қабул кард, ки дар дар муқаддимаи он омадааст: «... оммаи матбуот ғайр аз кутуби зилол ва маводи музирра ба дини мубин озод, ва мумайизе дар онҳо мамнуъ аст. Вале ҳар гоҳ чизе мухолифи қонуни матбуот дар онҳо мушоҳида шавад, нашрдиҳанда ва ё нависанда бар

тибқи қонуни матбуот муҷозот шавад». Ба ҳамин асос, дар давоми ним соли 1906 20 рӯзнома ҳаққи чопро гирифтанд, вале, баъди пароканда шудани маҷлис, тамоми рӯзномаҳои пойтахт ва вилоятҳои он баста шуданд. Аз ин миён, ду нашрия, дар мисоли «Анҷуман»-и Табрез ва «Анҷуман»-и Исфаҳон, назароти интиқодии худро нашр мекарданд.

**Боби дуюм – «Таъсиси матбуоти форсӣ-тоҷикӣ дар Осиёи Марказӣ»,** дар зербоби аввалаш **«Бухорои шариф» нахустин рӯзномаи форсӣ-тоҷикӣ»,** таърихи ташаккули якумин рӯзнома ба забони тоҷикӣ «Бухорои шариф» - ро таҳлил намуда, бо овардани маълумот дар мавриди муассисин, таъиди онҳоро дар нахустин шуморааш меорад, ки ин нашрия, рӯзномаи илмию адабӣ, иҷтимоию, фаннӣ ва иқтисодӣ аст ва яке аз ҳадафҳояш ташвиқу тарғибу тавсеаи мактабу маорифи низоми нав мебошад.

Вобаста ба ин, дар саҳифаҳои рӯзнома, дар баробари аз бар намудани илмҳои табиӣ ва иҷтимоӣ, нукта назарҳои пешқадаму маорифпарварона унвонии амири Бухоро пешниҳод карда мешаванд.

Таҳлили зербоби дуюм **- «Нақши матбуоти форсӣ – тоҷикӣ дар бедории афкори миллӣ»,** баёнгари он аст, ки довталаб маводи зиёди таҳлилиро оиди рушди матбуоти тоҷикӣ – форсӣ дар минтакаи Осиёи Марказӣ мавриди баррасӣ қарор дода, нақши онҳоро дар бедории фикрии мардумони ин марзубум равшан сохтааст. Чуноне, ки маълумот дар бораи яке аз шахсиятҳои барҷастаи ҷараёни ҷадидия Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ оварда шуда, оиди рӯзномаю маҷаллаҳое, ки таҳти унвони «Самарқанд» ва «Ойина», нашр мешуданд, таҳлили зарурӣ сурат гирифтааст.

Ҳарчанд рӯзномаи «Самарқанд» дар муддати шаш моҳи соли 1913 дар шаҳри Самарқанд ба забонҳои форсӣ-тоҷикӣ ва туркӣ (узбекӣ), бо теъдоди 45 шумора нашр гашта, нашри маҷаллаи «Ойина» (600 нусха) тайи муддати як солу хашт моҳ, то 15 июни соли 1915 дар Самарқанд ба табъ мерасиданд, аҳамияти илмӣ – амалӣ ва фарҳангиву тамаддунии онҳо дар сатҳи баланд қарор дорад. Зеро, маҳз тавассути чунин нашарот ақидаҳои пешрафтаи иҷтмоию сиёсӣ, фарҳангию маорифпарварона дар манотиқи Осиёи Миёна паҳн гашта, бо инъикоси масоили мубрами замон, ба яке аз омилҳои асосии бедории фикрии қишрҳои мухталифи ҷомеаи ин марзубум табдил гашта буданд.

Бояд тазаккур дод, ки рузнома ҳамзамон дар минтақаҳои Қафқозу Эрон, Афғонистон, Ҳиндустону Туркия низ паҳн гашта, маводҳои нашрмегашта дар он ду самтро дар бар мегирифт.

Маводҳои гурӯҳи аввал, ба масъалаи ислоҳоту ислоҳхоҳӣ, тавзеҳи муфассали навгарой, ҳимоят аз назароти тараққихоҳон, ки аз ҳар ҷониб зери таъқиб ва фишор қарор доштанд, бахшида шудаанд.

Довталаб, ҷиҳати таъиди воқеии нақши рӯзнома ва муассисини он дар тарғибу ташвиқи аҳдофи ислоҳотхоҳона, маълумоти заруриро дар бораи муҳаррири маҷалла Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, илова менамояд, ки ин шахсият, худ бо навиштану нашр намудани мақолаҳои барномавӣ, корҳои зиёдеро  анҷом дода, ҳамзамон бо ҷалби мутафаккирону соҳибқаламон, рӯзномаро ба минбари ташвиқи роҳи ислоҳот ва таҷдиду тараққӣ табдил додааст. Мубоҳисаҳои муҳаррир бо Васлии Самарқандӣ ва баҳси рӯзномаи «Садои Фарғона» ва маҷаллаи «Ойина», нишони равшан аз ҷумлаи онҳост.

**Боби сеюми диссертатсия «Ҷойгоҳи матбуоти форсӣ дар дигар кишварҳо»,** мавзуотеро ба мисли  «Омилҳои пайдоиши матбуоти форсӣ дар Ҳиндустон» зербоб сохтааст. Ин бахши диссертатсия хеле ҷолиб таҳия карда шуда, қаблан дар мавриди «ахборнависӣ» дар нимқораи Ҳинд, ки ба шакли дастнавис, аз сӯи англисҳо омода карда мешуд, маълумот медиҳад.  Аз он ҷумла, хабаррасонӣ, ҳамчун варақҳои дастнавис, ба забони форсӣ омода гардида, ба шакли маҳдуд танҳо ба дарбори шоҳу ҳокимони вақт ва фармонравоёни вилоятҳо расонида мешуд.

Довталаб таърихи ташаккули матбуоти форсиро дар Ҳинд ба чаҳор давра тақсим намуда, иброз менамояд, ки дар аввал, яъне солҳои 1770-1822, рӯзнома ба забони форсӣ вуҷуд надошт. Танҳо дар рӯзномае, ки ба забонҳои ҳиндӣ-англисӣ чоп мешуд, сутунҳо ё саҳафоте ба забони форсӣ буду халос.

Дар давраи дуюм бошад, ки аз соли 1822 шӯруъ мегардад, оғози нашри рӯзномаҳо ба забони форсӣ ба шумор меравад. Аз он ҷумла, рӯзномаҳои «Ҷоми ҷаҳоннамо», «Миръоту-л-ахбор», «Шамс-ун-наҳор», «Ахбори Сиромпур», «Оинаи Сикандар», «Моҳи оламафрӯз», «Зубдат-ут-таворих», Лудиёна ахбор», «Баҳри маввоҷ», «Банголат», «Сироҷ андру», «Самоҷор сакҳа Ранҷандар» ва замимаи ҳафтаномаи «Говарнамнат газет» байни солҳои 1822-1837 ба забони форсӣ чоп мешуданд. Аз ин шумора, танҳо нашри  «Ҷоми ҷаҳоннамо» дар шаҳри Калкутта то ба соли 1847 давом намудааст. Давраи сеюми матбуоти

форсӣ дар ин кишвар, ба солҳои 1837-1876 рост меояд ва соли 1837 Британияи Кабир, забони англисиро бар ивази забони форсӣ, забони расмии Ҳинд эълон кард. Ҳарчанд забони форсӣ, аз расмият бозмонд, аммо 12 рӯзномаю маҷаллаи нав дар ин давра аз ҷумлаи матбуоти форсӣ маҳсуб меёфтанд, ки бо ду ё се забон чоп мешуданд ва маъруфтарини онҳо рӯзномаи «Ҳаблу-л-матин» буд, ки нахустин шумораи он соли 1893 дар шаҳри Калкутта ба чоп расида, аз вазъияти кишварҳои Эрон, Туркияи Усмонӣ, Миср, Ироқ, Россия, рӯйдодҳои сиёсиро ба нашр мерасонид.

Ин рӯзнома то ба минтақаи Осиёи Марказӣ ҳам мерасид ва чуноне, ки Устод Садриддин Айнӣ дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» менависад, ки «Ҳайрат гоҳ-гоҳ «Ҳабл-ул-матин» ном газетаи форсиро, ки дар Ҳиндустон чоп мешуд, меовард. Мо ба воситаи ин газетаҳо як дараҷа ба аҳволи дунё воқиф мешудем».

Бояд гуфт, ки муҳтавои ин нашарот, баёнгари инъикоси воқеии ҳаёти иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва сиёсии ин нуқоти мухталифи қораи Осиё ва Аврупо ба ҳисоб меравад.

Чунин навҳаи таҳлили нашароти форсизабон, ба муаллиф имкон медиҳад, ки тавассути таҳлили муқоисавӣ, муҳимтарин нуктаҳоро дар мавриди бартарии омӯзиши мавзуъ ошкор намоянд.

Чуноне, ки мантиқан бармеояд, халқҳои манотиқи форсизабон баъди ошноӣ бо ҷанбаҳои пешрафтаи ҳаёти мадумони минтақаи Аврупо, хосатан Британияи Кабир, барояшон имкон фароҳам гардид, то ба андешаҳои сиёсии зеҳнӣ ва воқеиятҳои айнӣ, наздик шаванд.

Маҳз ҳамин гурӯҳҳо, бо ошноӣ бо сатҳу зиндагии пешрафтаи мардумони Аврупо, оиди ҷой ва мақоми мардумони кишвари худ ангеза ва инқилоби фикриеро ба вуҷуд овардаанд, ки бо мурури замон тавонист бо такя бар пояи тамаддунсолорӣ, фарҳангосолорӣ ва мардумсолории худ, заминаи мусоидеро ҷиҳати оғоз бахшидан ба ҷараёни миллӣ – озодихоҳии фарогир санги таҳдоб гузоранд, ки тақрибан, баъди сад сол онҳоро аз зери зулми асорати англис раҳо бахшид.

Табиист, ки дар ин маврид, нақши матбуоти форсизабон хеле муҳим арзёбӣ мегардад ва нишонаи дигари онро дар мисоли минтақаи Синд, ки аз тарафи англисиҳо, дар муддати панҷоҳ соли нимаи дуюми асри 19 тасарруф гардид, метавон зикр кард.

**Хулосаи диссертатсияи** довталаби дараҷаи илмӣ нишон медиҳад, ки ба муаллиф муяссар гаштааст, то бо таҳлилу баррасии заминаҳою сабабҳои таърихию иҷтимоии матбуоте, ки ба забони форсӣ дар моварои

Ҳиндустон, Эрон, минтақаи Осиёи Марказӣ, Аврупою Амрико ва мамолики Араб арзи вуҷуд карда, ташаккул ва такомул намудааст, ҷараёни ташаккулу рушди онро ба таври илмию фарогир омӯхта, натиҷаҳои заруриро пешниҳод намояд.

Маврид ба қайд аст, ки раванди ташаккулу такомули ин падида, ба таври муфассал дар кишвари Эрон, нимқораи Ҳиндустон ва минтақаи Осиёи Миёна таҳқиқи илмии худро ёфтааст. Хосатан, инъикоси вазъи матбуот дар Эрону нимқораи Ҳинд ва минтақаи Осиёи Миёна, тафсилоти хуби илмиеро дорост, ки бар асоси онҳо метавон дар мавриди бедории сиёсию иҷтимоии мардумони ин марзубум маълумоти навро пайдо кард. Таваҷҷуҳи муаллиф ба масъалаи бедории сиёсии мардумони Эрон ва нимқораи Ҳинд, дар замони мавриди назар, аз аҳамияти хос бархӯрдор мебошад. Зеро, бар пояи инъикос ва тасвири зиндагии ҳамарӯзаи мардумони ин сарзамин ва ҷараёни суратмегирифта, метавон натиҷагирӣ кард, ки то кадом дараҷа ва бар кадом асос, ин ҷомеа, аз дохил, хостори таҳаввулоти сиёсӣ дар ҳаёти мардумонаш мебошад.

Ин мавзуъ, на танҳо дар мисоли кишвари Ҳинд, ки тайи беш аз дусад сол дар зери асорати Британия буда ҳаракати миллӣ – озодихоҳии он аз ибтидои асри 19 оғоз мегагардад, аҳамият дорад, балки барои дигар нуқот, ба шумули кишвари Эрон ва минтақаи Осиёи Миёна низ дорои ҷойгоҳи хос аст.

Зеро маҳз дар матбуоти форсизабони вақт, на танҳо таҳаввулоти инқилобие, ки тамоми мамоликро дар айёми империализм (нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои қарни XX) фаро гирифта буд, инъикос карда мешуд, балки ба навҳаи хеш, роҳҳои берунрафт аз ин мушкилот, дар он саҳафот мундариҷ мегашт. Ин амал, як навъ умеде буд, ба хотири расидагӣ ба истиқлолият ва озодии фарогири ҷомеа, ки нақш ва мақоми матбуоти форсизабон дар он баръало намудор аст.

Чуноне, ки дастовардҳои беназири Ватани азизи мо – Тоҷикистон таҳти раҳбарии хирадмандона ва дар партави ибтикороти созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳоти мухталифи иқтисодиёти кишвар ба даст омадааанд, ҳамзамон мавзуи эҳё ва тақвияти мероси таърихию фарҳангии гузаштагонамон, баёнгари ташаккулу тақвияти хатти фикрӣ ва худшиносии миллӣ ба шумор меравад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Ализода А.А. мазмуну муҳтаво ва нуктаҳои асосии диссертатсияро дар 9 мақолаи илмӣ инъикос кардааст, ки 4 адади он дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Маводи нашргардида мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Ализода Алиҷон Анвар ба талабот оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсияи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ аст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ, диссертатсияи Ализода Алиҷон Анвар баъзе камбудиҳоро дорост ва ислоҳи онҳо ба нафъи таҳқиқот аст.

1. Муаллиф вақте, ки дар мавриди мабуоти форсӣ дар Эрон, таҳлил меорад, чунин натиҷагирӣ менамояд, ки ташаккули матбуот дар ин кишвар аз соли 1911 оғоз гардидааст (С. 158. Автореферат, с. 76).

Дар ҳоле, ки бар асоси маълумотҳое, ки Н. Кирмонӣ дар таълифоташ таҳти унвони “Таърихи бедории Эрон” (Теҳрон.1910. С.288.) ва китоби “Таърихи нави Эрон (Хрестоматия)” М.Наука. 1988. С.170), оварда мешавад, ҳануз то соли 1903 пеш аз Инқилоби Машрута, теъдоди рӯзнома ва варақаҳо дар ин кишвар, то ба 210 то мерасиданд, ки онҳо озодихоҳиву озодандешӣ, демократия, парламентаризм, давлати ҳуқуқбунёдро тасвир ва шарҳу тавзеҳ медоданд. Бар илова, нахустин қонун дар мавриди матбуот, дар замони авҷи инқилоб, дар соли 1907 қабул гардида, ба ин падида, 7 октябри ҳамон сол, дар банди 20 “Иловаҳо” ба нахустин Конститутсияи кишвар, тазаккур дода мешавад, ки “Тамоми нашароти матбуотӣ озод мебошанд, ба ҷузъ онҳое, ки мухолифат бо дини ислом доранд”.

2. Муаллиф, дар саҳифаҳои 6, 7 ва дигар, ибораҳоро меорад, ки “Дар китоби якуми Расулиён Қ., ё худ дар саҳифаи 7: “Боби 2 китоби Анорқулова А, И. Усмонов дар китобҳояш (С.7), “...дар китоби Қ, Шарифзода (С.8), “Мақолаҳои ӯ (С.8)”, аз овардани номи мукаммали китобу мақола худдорӣ кардааст, ки ин амал хонандаро аз тафсилоти бештар дар мавриди адабиёт ва сарчашмаҳои истифода шуда, ба канор мебарад.

3.Дар рисола, ибораи “...муғулҳои Бузург” (С. 127), истифода шудааст, ки шояд тарҷума ва ё “калька”-и ибороти русии “Великих моголов”, бошад, ки дар асли худ, дар мисоли кишвари Ҳинд ва ин сулолаи

бузург дигар маъно медиҳад. Ба ҳамин хотир, ин иборот бояд ҳамчун сулолаи “Курагониҳои Ҳинд” тавзеҳ дода шавад.

Эродҳои мавриди назар бо хислати тавсиявиашон, ислоҳпазир мебошанд.

Автореферат ва мақолаҳои нашр гардидаи довталаб, мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд.

Кори диссертатсионии мазкур ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6.1.2. – Таърихи умумӣ (давраи дахлдор) комилан мувофиқат аст.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмии кори диссертатсионӣ ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи Ализода Алиҷон Анвар “Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.2. – Таърихи умумӣ (давраи дахлдор), пешниҳод гардидааст, кори ба анҷом расидаи сатҳи баланди илмӣ мебошад.

Рисола ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.2. – Таърихи умумӣ (давраи дахлдор) мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Доктори илмҳои таърих, профессори
филиали Донишгоҳи давлатии Москва
ба номи М.В. Ломоносов
дар шаҳри Душанбе Сафолзода Муҳаммадӣ Қурбон

Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
кӯчаи Бухоро 35/1 E-mail: m-di2005@mail.ru
Имзои М.Қ. Сафолзодаро
тасдиқ менамоям: Пирназар С.М.
Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ ва корҳои махсус

25.02.2026